«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илми таърих, профессор
__________________Ибодуллозода А.И.
«15»_____09_____2022.

**Хулосаи**

кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи докторант (PhD) Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)

Диссертатсия дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Дар давоми омодасозии диссертатсия (2015-2018) Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович докторанти (PhD) кафедраи назария ва таърихи адабиёт Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон буда, аз соли 2019 то соли 2023 дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳайси ассистент кору фаъолият дорад.

Абдураҳмонов М. С. соли 2013 зинаи бакалавр ва соли 2015 зинаи магистратураро дар факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз рӯйи ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

**Роҳбари илмӣ** – Худойдодов Аъзам, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии оӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 29.04.2016, таҳти №5/7.2. тасдиқ гардидааст.

Ба докторант (PhD) аз ҷониби шуъбаи докторантураи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2022 маълумотномаи №04/35 дар бораи хатми зинаи докторантура дода шудааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия чунин хулоса карда шуд:

Таркиби рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст.

Омӯзиши мавзуъ, мундариҷа ва афкори адабиву эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон дар адабиётшиносӣ аз мавзуъҳои актуалӣ ва муҳимми илмӣ ба ҳисоб рафта, он аз муҳаққиқ нигоҳу назари бикр ва андешаи фароху сареҳро тақозо мекунад. Пажуҳиш дар заминаи маводи таърихи адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX анҷом ёфта, дар он масъалаҳои зиёди ин давраи таърихи адабиёт, аз ҷумла, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, илмию фарҳангии Осиёи Миёна, таъсири давр ба рӯзгори адибони маорифпарвар, афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Диссертант таҳқиқоти диссертатсиониро дар асоси методҳои таърихӣ, таърихӣ-қиёсӣ, таҳлили сохтории матни бадеӣ, шинохти сохторӣ ва бадеии жанрҳои адабӣ, равишҳои комплексии нақду сарчашмашиносию матншиносӣ, шарҳу таҳлили осори адабӣ таълиф намудааст.

Зимни таҳқиқу пажуҳиши масъалаҳои мазкур дастовардҳои илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла, И. С. Брагинский, Е. Э. Бертелс, С. Айнӣ, Х. Мирзозода, Б. Ғафуров, З. Раҷабов, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, С. Табаров, М. Шукуров, А. Насриддинов, А. Сайфуллоев, М. Раҷабӣ, А. Маҳмадаминов, М. Имомов, М. Абдуллоев, ки дар бораи ҳаракати маорифпарварӣ ва ҷадидия дар мақола ва китобу рисолаҳои хеш иттилоъ додаанд, мавриди истифода қарор додааст.

Диссертант бори нахуст ба масъалаи ақидаҳои адабиву эстетикии маърифатпарварон – Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддини Шоҳин, Тошхоҷаи Асирӣ, Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурраufи Фитрат ва дигарон равшанӣ андохтааст.

Диссертант зимни шарҳу баррасиҳо кӯшишкардаст, ки ба андешаҳо ва мулоҳизаҳои маорифпарварон ва ҷадидон баҳои арзанда ва воқеӣ даҳад.

Натиҷаву хулосаҳои илмии ба дастомада метавонад, ҳамчун маводи омӯзишӣ ҳангоми пажуҳиш дар самти омӯзиши таърихи адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, адабиёти муосир, ҳамчунин дар матншиносӣ, назарияи адабиёт, сарчашмашиносӣ, робитаҳои адабӣ, баррасии ҷараёнҳову неҳзатҳо дар адабиёти ин давра истифода шавад.

Маводи таҳқиқии мавриди назар дар омода кардани барномаҳо ва дастурҳои таълимӣ оид ба адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, таҳияи маҷмуаҳои ашъор ва мероси адабии адибони ин давра мусоидат мекунад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ ва конференсияҳои солонаи илмию назариявии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар маҷмуаҳои илмӣ нашр гардидаанд, ифода ёфтааст.

**А) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

1. Абдураҳмонов, М. С. Ақидаҳои адабӣ-эстетикии Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ / М. С. Абдураҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/2. – С. 181-183.

2. Абдураҳмонов, М. С. Муҳаммад Сидиқи Ҳайрат-шоири ошиқ / М. С. Абдураҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/3. – С. 204 – 206.
3. Абдураҳмонов, М. С. Ақидаҳои адабӣ-эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон / М. С. Абдураҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/4. – С. 264-266.
4. Абдураҳмонов, М. С. Ақидаҳои маорифпарварии Мирзо Сироҷи Ҳаким дар «Туҳафи аҳли Бухоро» / М. С. Абдураҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/5. – С. 169-172.
5. Абдураҳмонов, М. С. Тарғиби илм ва мактабу маориф аз нигоҳи Тошхоҷаи Асирӣ / М. С. Абдураҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/7. – С. 186-189.
6. Худойдодов, А. О., Абдураҳмонов, М. С. Ақидаҳои адабӣ-эстетикии Абдурraуфи Фитрат / А. О. Худойдодов, М. С. Абдураҳмонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – № 6/ (101). – С. 181-189.

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашриёҳо нашр шудаанд:**

1. Абдураҳмонов, М.С. Маорифпарварӣ: пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули он дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX / М. С. Абдураҳмонов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри XX» бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 90 – солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва 110 – солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Холиқ Мирзозода. – Душанбе, 2021. – С.216-228.
2. Абдураҳмонов М. С. Нақши Абдурраруфи Фитрат дар таҳкими робитаҳои адабиёти тоҷику ӯзбек / М. С. Абдураҳмонов// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи « Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии халқҳои тоҷику ӯзбек: гузашта, ҳозира ва оянда».– Душанбе, 2023. – С. 270-277.

Хулоса, диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул ва ба тасвиб расидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 16 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 16 нафар, “бетараф” – нест, “муқобил” – нест, суратҷаласаи №2, аз “06” сентябри соли 2022

Раиси ҷаласа, доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт — Солеҳов Ш. А.

Котиби ҷаласа, ассистенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт — Мерганзода М.Б.

Имзои Ш. А. Солеҳов ва М.Б. Мерганзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС